# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-038 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №________________________
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 02 майи соли 2025, №15

Барои сазовор донистани Ҷумъабой Зарифӣ, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ.

Диссерататтсияи Ҷумъабой Зарифӣ, дар мавзуи «Биоморфология ва таркиби сенопопулятсияи *I. macrophylla* дар шароити гуногуни экологии Тоҷикистони Ҷанубӣ» аз рӯйи ихтисоси 03.02.01-Ботаника ба ҳимоя қабул карда шуд, суратҷаласаи №5 аз 02.12.2024, шурои диссертатсионии 6D.КОА-038-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, www.tnu.tj. ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, №318/шд 6-уми сентябри соли 2024.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ҷумъабой Зарифӣ 14-уми январи соли 1991 таваллуд шудааст, миллаташ тоҷик, маълумоташ олӣ мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ҷумъабой Зарифӣ соли 2013 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро бо ихтисоси биология-химия хатм намудааст. Солҳои 2014-2016 магистранти факултети биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва солҳои 2016-2019 шӯъбаи аспирантураи Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистонро таҳсил намудааст. Аз соли 2019 то ҳол ба ҳайси ассистенти кафедраи ботаникаи факултети биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият карда истодааст.

Диссертатсия дар шуъбаи флора ва систематикаи растаниҳои Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои биологӣ, дотсент **Раҳимов Сафарбек** иҷрокунандаи вазифаи профессори кафедраи ботаника ва дендрологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ: Мамадризохонов Акбар Алихонович -** доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи география ва саёҳии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев.

**Ҳайдарова Назирахон Раҳимҷоновна -** номзади илмҳои биология, ходими калони илмии Маркази илмии Хуҷанд, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров.

Дар хулосаи мусбати худ, ки аз тарафи муқарриз, дотсенти кафедраи ботаника ва физиологияи растаниҳои Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, номзади илмҳои биологӣ, Мирсабуров Ш.М. имзо шудааст, қайд менамояд, ки кори

диссертатсионии Ҷумъабой Зарифӣ аз рӯйи муҳиммият, навгонии илмӣ, ҳаҷм ва сифати вазифаҳои иҷрошуда, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастоварда, саҳеҳият ва асоснокунии хулосаҳо ба талаботи боби 3, фаслҳои 31, 33, 34-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва аз 06.09.2024, таҳти №318/шд тасдиқ гардида, барои рисолаҳои номзадӣ пешниҳод гардидааст, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01-Ботаника ҷавобгӯ мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ҷумъабой Зарифӣ оид ба мавзуи диссертатсия 12 кори илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст.

**Таълифоти илмӣ** дар мавзуи диссертатсия. Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандае, ки КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия намудааст:

[М-1]. Дж. Зарифи. Особенности участия *Inula macrophylla* Kar.et Kir. в сообществах различных типов растительности Южного Таджикистана **[Текст]** / С. Рахимов, Дж. Зарифи // Вестник ТПГУ им. С.Айни. –Душанбе, 2018. – №1 (1). – С. 133–138.

[М-2]. Дж. Зарифи. Оценка состояния сообщества *Inula macrophylla* Kar.et Kir. в структуре растительности Южного Памиро-Ала **[Текст]** / С. Рахимов, Дж. Зарифи // Известия Академии наук Республики Таджикистан. (Отделение биологических и медицинских наук) – Душанбе. 2019. — № 3 (206). – С. 7–14.

[М-3]. Дж. Зарифи. Девясиловые пастбища и сенокосы в Таджикистане **[Текст]** / С. Рахимов, Дж. Зарифи // Известия Академии наук Республики Таджикистан. (Отделение биологических и медицинских наук). – Душанбе. 2020. – № 2 (209). – С. 7–12.

[М-4]. Дж. Зарифи. Онтогенез *Inula macrophylla* Kar et Kir. **[Текст]** / С. Рахимов, Дж. Зарифи // Известия НАНТ. (Отделение биологических наук). – Душанбе. 2021, а. — № 1 (212). – С.15 – 22.

[М-5]. Дж. Зарифи. Онтогенетическая структура ценотических популяций *Inula macrophylla*. **[Текст]** / С.Рахимов, Дж. Зарифи // Известия НАНТ. (Отделение биологических наук). – Душанбе. 2021, б.– № 3 (214). – С. 53–61.

[М-6]. Дж.Зарифи. Онтобиоморфи девясила крупнолистного (*Inula macrophylla* Kar et Kir.) в различных эколого - ценотичесих условиях. **[Текст]** / Дж. Зарифи // Известия НАНТ. (Отделение биологических наук). – Душанбе. 2022. – № 4 (219). – С. 20-24.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷалаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

[М-7]. Дж. Зарифи .Экологические особенности *Inula macrophylla* Kar.et Kir. в Южном Таджикистане **[Текст]** / С. Рахимов, Дж. Зарифи // Растительное разнообразие: состояние, тренды, концепция сохранения (г. Новосибирск, 30.09 до–03.10.2020). – 2020. – С.139.

[М-8]. Дж. Зарифи. Хозяйственное и медицинское значение I. *macrophylla* Kar et Kir. [Текст] / С.Рахимов, Дж.Зарифи // Материалы республиканской научной конференции «Биоразнообразие горных экосистем Памира в связи с изменением климата» (Таджикистан, г.Хорог, 22 - 23 сентября 2021 г.). – 2021. – С.81-83.

[М-9]. Дж. Зарифи. Ритм развития и малый жизненный цикл *Inula macrophylla* в условиях Южного Таджикистана. // Материалы 1Х-ой Международной конференции. **[Текст]** / С. Рахимов, Дж. Зарифи //. Экологические особенности биологического разнообразия (Таджикистан, г. Куляб, 7-8 октября 2021 г.). – 2021. – С. 28-30.

[М-10.]. Дж. Зарифи. Продуктивность сообществ с участием *Inula macrophella*. [Текст] / С. Рахимов, Дж. Зарифи // Материалы республиканской научной практической конференции посвященной 30 - летию Государственной Независимости Республики Таджикистана и «Двадцатилетию изучения и развития естественных, точных и математических наук в сфере науки и образования» на тему «Современные проблемы развития природоведческих (естественных) наук: перспективы дальнейшего развития» (с участием СНГ) (Таджикистан, г.Бохтар, 4-5 ноября 2021 г.) - 2021. – С.128 - 129.

[М-11.]. Дж. Зарифи. Мутобиқшавии фитосенологии *Inula macrophylla* Kar. et Kir. дар Тоҷикистони Ҷанубӣ. [Текст] / С. Раҳимов, Ҷ. Зарифӣ ва дигарон // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ таҳти унвони «Вазъи муосири гуногунии биологии Тоҷикистон, ҳифз ва истифодаи оқилонаи он», бахшида ба «20 - солагии омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф» ва 75 - солагии ҳаёт ва фаъолияти илмию педагогии доктори илмҳои биология, профессор Тоҳирҷон Сатторов (ш. Душанбе, 22 октябри соли 2022) - 2022. – С. 38 - 39.

[М-12.]. Дж. Зарифи. Особенности онтогенеза и поливариантность развития особей *Inula macrophylla* Kar. et Kir. [Текст] / С. Рахимов, Дж. Зарифи // Материалы международной научной конференции. Биоморфология растений: Традиции и современности. (г.Киров,19-21 октября 2022). - 2021. – С. 244 - 256.

**Ба диссертатсия ва автореферати тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

1. Мудири Озмоишгоҳи фотосинтез ва маҳсулнокии растаниҳои Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ, доктори илмҳои биологӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ Абдуллоев Ҳомидҷон ва мудири Озмоишгоҳи генетика ва селексияи растаниҳои Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ, доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Партоев Қурбоналӣ. Дар тақриз эрод нишон дода шудааст:
2. Директори МД Маркази такмили ихтисоси кормандони КАС-и назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент Мирзозода И.А. Тақриз эрод надорад.
3. Мудири озмоишгоҳи битехнологияи Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ, номзади илмҳои биологӣ, Ҷуразода Ш.Д. Тақриз эрод надорад.

4. Ходими пешбари илмии шуъбаи флора ва систематикаи растании Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ, номзади илмҳои биологӣ, Бобокалонов Қ.А. Тақриз эрод надорад.
5. Мудири Озмоишгоҳи экология ва захираи растаниҳои Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ, номзади илмҳои биологӣ, дотсент Мадаминов А.А. Эрод; дар автореферат ҳангоми навиштани номи лотинии растаниҳо камбудиҳо ба назар мерасад. Дар саҳ. 21, ҷадвали 2 *Artemisia campilorrhynchus* нодуруст оварда шудааст. Ин намуд дар флораи Тоҷикистони Ҷанубӣ ва ҷумҳурӣ нест.

Дар тақризҳо муҳимияти мавзуи кори диссертатсионӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии натиҷаҳои бадастомада дарҷ гардидаанд. Инчунин кори диссертатсионии Ҷумъабой Зарифӣ таҳқиқоти ба анҷомрасидаи тахассусии илмие мебошад, ки ба ихтисоси 03.02.01- Ботаника мувофиқат мекунад ва муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ мебошад. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо нисбат ба соҳаи ботаника ба дастовардҳои хуб ноил гаштаанд, дар ин соҳа корҳои илмӣ ва аз рӯйи мавзуи интихобшуда таълифотҳои илмӣ доранд, аз ин лиҳоз ба кори диссертатсонӣ оид ба мубрамияти мавзуъ, навоварии илмӣ ва аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастомада баҳои холисона дода метавонанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд,** ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ: **коркард карда шуд:** Омузиши биоморфологияи чоқлаи калонбаргро дар шароити ҷамоаҳои гуногуни экологии Тоҷикистони Ҷанубӣ омухта маълум намудааст, ки намуди мазкур вобаста аз иваз шавии муҳити экологӣ се шакли биоморфро мегирад, ба ғайр аз ин баъзе аломатҳои биологиро дорад, ки устувории онро ҳамчун намуди ҷамоатташкилкунанда бо нишондиҳандаҳои сенопопулятсионӣ ва организмии устувории худро дар типи набототи нимсаванна ва шибляк нигоҳ медорад. Дар манбаъҳо оид ба биология ва таркиби сенопопулятсияи баъзе намояндагони авлоди *Inula* (Османова, 2000; Редькина, 2008), маълумотҳо оварда шудаанд. Онҳо менависанд, ки узви зери заминии намудҳои омухта шуда кундареша (Османова, 2000; Редькина, 2008) мебошад. Аммо чунин таҳқиқотҳо доир ба *Inula macrophylla* дар Осиёи Марказӣ гузаронида нашудаанд. Дар шароити Тоҷикистон узви зери заминии намуди мазкур каудекс мебошад ва шаклҳои гуногуни онтобиоморфро гирифта, мутобиқшавии устуворро дар шароити нимсаванна ва шибляк мегирад.

*Inula macrophylla* – растании дар инкишофи флораи табиии набототи Тоҷикистони Ҷанубӣ нақши муҳим мебозад ва ҳамчун растании дорои аҳаммияти муҳимми чарогоҳу алафдарав ва ҷамоаташкилкунанда ба шумор меравад.

**Пешниҳод шудааст,** устувории ҳолати сенопопулятсияи *I. macrophylla* бо ташаккулёбии онтогенез дар се шакли биоморф, нишондоди баланди ҷамоатташкилкунандагии намуд ба ҳосилнокии тухмии фардҳо ва зичии фардҳо вобастагӣ дорад. Ҳосилнокии максималиро ҷамоаи чоқлазор бо нишондиҳандаҳои сенопопулятсионӣ ва организмии *I. macrophylla* дар

нишебиҳои самти ҷанубии набототи нимсаваннаҳо ва шибляк ноил мегардад.

**Исбот шудааст**, ки аввалин маротиба онтогенези биоморфҳои (3 шакл) гуногун, сохтори онтогенетикӣ ва демографии сенопопуятсияи *Inula macrophylla* дар шароити гуногунии экологии Тоҷикистони Ҷанубӣ пура омӯхта шудааст. Нахустин маротиба ритми давраи инкишофи фард, сикли хурди онтогенези пояи (26 моҳ) инкишофёбанда омӯхта шудааст. Бори аввал бо истифода аз равиши интегралӣ, аз ҷумла таҳлили организмӣ ва популятсионӣ тавсифи пурраи ҳолати кунунии сенопопулятсияҳои *I. macrophylla* дар чамоаи гуногуни Тоҷикистони Ҷанубӣ оварда шудааст. Бори аввал тавсияи асоснок оид ба истифодаи оқилонаи ҷамоаи *I. macrophylla* (ҳамчун алафдарав дар моҳи май ва ҳамчун чарогоҳ аз моҳи октябр) пешниҳод шудааст ва ҳосилнокии онҳо (аз 21,35 то 38.2 с/га) барои Тоҷикистони Ҷанубӣ муайян карда шудааст, ки ин нишондоди баланд мебошад.

**Ҷорӣ намудан** натиҷаҳои назариявӣ ва амалии омӯзишро дар фитосенология ва муҳофизати набототи, дар сатҳҳои гуногуни ташкилшавӣ, барои гузарондани мониторинги сенопопулятсияҳои ҷамоаҳои табии набототи Тоҷикистони Ҷанубӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо ин асоснок карда шудааст,** ки дар асоси омӯзиши биоморфологияи *Inula macrophylla* роҳҳои илман асосноки ҳалли масъалаҳои биоморфологияи эволютсионӣ ва экологияи растаниҳо метавонанд истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд аломатҳои таркиби сенопопулятсияро баҳо дода, ҳолати ҳозираи онро маълум намуда, дигаргуншавии онҳоро дар зери таъсири омилҳои экологӣ пешгӯӣ намуда дар ҳалли масъалаҳои биоморфологияи эволютсионӣ ва экологияи растаниҳо метавонанд истифода шаванд.

**Вобаста ба масъалагузории диссертатсия, истифодаи самаранок ба усули** саҳеҳии кор дар он аст, ки натиҷаҳои бадастомада бо истифодаи усулҳои таҳлили ҳозираи оморӣ ба даст оварда шуда, нишондиҳандаҳои биометрӣ ва сенопопулятсионӣ ба таври оморӣ коркард карда шудаанд.

**Баён шудани** мутобиқшавии ҳолати сенопопулятсияи *I. macrophylla* дар ҷамоаҳои гуногуни Тоҷикистони Ҷанубӣ бо ташаккулёбии онтогенези он дар се шакли биоморф дар шароити гуногуни экологӣ ва нишондоди баланди ҳосилнокии тухмии фардҳо ва зичии фардҳо вобастагӣ дорад. Аломатҳои номбурдаи биологӣ чоқларо ҳамчун растании ҷамоатташкилкунандаи нимсаванна ва шибляк дар Тоҷикистони Ҷанубӣ намудааст.

**Ошкор гардидани** аломатҳои муфиди биологии чоқлаи калонбаргро (шаклҳои онтобиоморф, ҳосилнокии тухми, нишондиҳандаҳои организми ва сенопопулятсионӣ) нишон медиҳад муборизаи намудро барои ишғол намудани муҳити зист, дар шароити гуногуни экологӣ Тоҷикистони Ҷанубӣ ва роҳои гуногуни мутобиқшавии намудро фароҳам овардааст.

**Омӯхта шуданд** биоморфология ва таркиби сенопопулятсияи *Inula macrophylla* дар шароити гуногунии экологии Тоҷикистони Ҷанубӣ; ритми инкишофи пояи монокарпики; сохтори онтогенетикӣ ва демографии

сенопопулятсияи *I. macrophylla* дар ҷамоаи гуногуни Тоҷикистони Ҷанубӣ; боҳо додани ҳолати ҳозираи сенопопулятсияи *I. macrophylla* бо истифодаи аломатҳои организмӣ ва популятсионии он; маълум намудани ҳосилнокии биомассаи рӯйизаминии ҷамоаи гуногуни *I. macrophylla* вобаста аз шароити гуногуни экологии Тоҷикистони Ҷанубӣ.

**Аз нав такмил додани** усулҳои маъмулӣ ва муосир

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки: натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд аломатҳои таркиби сенопопулятсияро баҳо дода, ҳолати ҳозираи онро маълум намуда, дигаргуншавии онҳоро дар зери таъсири омилҳои экологӣ пешгӯӣ намоянд. **Коркард ва ҷорӣ карда шуданд, ки** натиҷаи таҳлилҳоро дар биоморфология ва таркиби сенопопулятсияҳо барои баҳодиҳии гуногунии биологӣ ва коркарди асосӣ, дар истифодаи оқилонаи чарогоҳҳо ва алафдарави Тоҷикистони Ҷанубӣ истифода бурдан мумкин аст. Мавод оид ба биоморфология ва таркиби структураи сенопопулятсияро метавон дар раванди таълими равияи биология барои гузарондани курсҳои махсуси ботаникӣ дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурд.

**Муайян карда шуданд** ҳосилнокии максималиро ҷамоаи чоқлазор бо нишондиҳандаҳои сенопопулятсионӣ ва организмии *I. macrophylla* дар нишебиҳои самти ҷанубии набототи шибляк ва нимсаваннаҳо дида мешавад.

**Офарида шуд** натиҷаҳои бадастомада бо истифодаи усулҳои таҳлили ҳозираи оморӣ ба даст оварда шуда, нишондиҳандаҳои биометрӣ ва сенопопулятсионӣ ба таври оморӣ коркард карда шудаанд: миёнаи арифметикӣ, хатоии он, ҳадди ақал ва максималии он муайян карда шудаанд.

**Муаррифӣ карда шуд** *Inula macrophylla* – растании ояндадор ва ҷамоатташкилкунандаи Осиёи Марказӣ мебошад. *I. macrophylla* дар инкишофи флораи табиии набототи Тоҷикистони Ҷанубӣ нақши муҳим мебозад ва ҳамчун растании дорои аҳаммияти муҳимми чарогоҳу алафдарав ва ҷамоатташкилкунанда ба шумор меравад. Трансформатсияи ҳозиразамони ҷамоа, ки ба он *I. macrophylla* дохил мешавад, ба дигаргуншавии таркиби сенотикии популятсияҳои гуногун таъсири бевосита мерасонад.

**Барасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** нишон додаанд, ки барои корҳои таҷрибавӣ, назария дар замони ҳозира, ки давраи тағйирёбии глобалии иқлимр ва зиёдшавии таъсири антропогенӣ дар экосистемаҳои кӯҳии Осиё афзуда истодааст, зарурияти ҳифз намудани гуногунии биологӣ дар сатҳи гуногуни инкишоф ба миён омаъдааст (Davis, 2008). Омӯзиши популятсияҳои растаниҳо барои муайян намудани механизмҳои мутобиқшавии аломатҳои морфологии намудҳо дар ҷамоаи гуногун имконият медиҳад, ки дараҷаи устувории онҳоро дар шароити табиӣ баҳогузорӣ карда, захираҳои табиӣ оқилона истифода бурда шаванд.

**Ғоя асоснок шудааст, ки** омӯзиши ҳаматарафаи биологияи намуд, усулҳои замонавии илми биоморфологияи муосир ба таълимоти мактаби олимони ин соҳа (Серебряков,1955; Серебрякова, 1972; Воронцова, 1976; Заугольнова, 1988; Савиных,2015), истифода шудаанд.

**Истифода шудаанд** тафсири натиҷаҳои бадастомада бо истифода аз усулҳои муосири коркарди иттилоот ва таҳлили оморӣ амалӣ карда шудааст.

**Муайян шудаанд** омӯзиши хусусйятҳои морфологии растаниҳо ва таркиби гуногуни онҳо, иқтидори мутобиқшавии популятсияҳо дар шароити мухталифи экологию фитосенотикӣ ошкор карда шудааст. Муҳиммияти махсуси чунин таҳқиқ ба намудҳое алоқаманд аст, ки сифатҳои арзишноки ҳоҷагӣ доранд.

**Истифода шудаанд, ки** усулҳои таҳлили муосири оморӣ: миёнаи арифметикӣ, хатоии он, ҳадди ақал ва максималии он муайян карда шудаанд. Баҳодиҳии эҳтимолии натиҷаҳои миёна бо меъёри Стюдент анҷом дода шудааст. Хусусиятҳои оморӣ бо ёрии барномаи «Excel» ва «Statistica» ба даст оварда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:** диссертатсия аз муқаддима, шаш боб, хулоса, рӯйхати адабиёт, дар ҳаҷми 190 саҳифаи компютерӣ, аз он ҷумла 3 замима, 5 ҷадвал ва 22 расм оварда шудааст. Адабиёти истифодашуда аз 240 сарчашма иборат буда, аз он 20 - тояш ба забонҳои хориҷӣ мебошанд.

Дар маҷлиси 2-юми майи соли 2025 шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Ҷумъабой Зарифӣ бо дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси *03.02.01 – Ботаника*.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 - нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 5 – нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 16 - нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, 14 - нафар иштирок доштанд ва овоз доданд: тарафдор – 14, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор – 2.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои биологӣ.
профессор, академики АМИТ Якубова Мухиба Мухсиновна

Котиби шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои биологӣ,
дотсент Ҳамидзода Хайриддин Нор

02.05.2025